# ХУЛОСАИ
## комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 - и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Абулҳаев Р., доктори илмҳои таърих, профессор Додхудоева Л.Н., доктори илмҳои таърих, профессор Раҳимов Н.Т. бо таҳқиқоти диссертатсионии Садриддини Айниддин «Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салчуқиён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Рисолаи номзадии Садриддини Айниддин «Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салчуқиён», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мувофиқ аст. Дар рисолаи мазкур масоили нақши яке аз донишмандон ва сиёсатмадорони бузурги замони худ - Низомулмулк дар низоми идории давлати Салчуқиён мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Садриддини Айниддин воқеан ба масъалаи бисёр муҳимми таърихи халқи тоҷик бахшида шуда, дар шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи роҳи паймудаи Низомулмулк, то ба дараҷаи баландтарин мансаби дарборӣ, яъне вазири дарбори Салчуқиён расидани ӯ бисёр ҷолиб ва омӯзанда аст. Вай ҳангоме, ки вазири Алпарслон ва Маликшоҳ буд, тавассути дониши фарогир ва кордонӣ тавонист тамоми умури ин давлати қаламраваш густурдаро ба ихтиёри худ гирад. Аз ин рӯ нақши

Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятиву сиёсии давлати Салҷуқиён меҳварӣ буда, дар асрҳои баъдӣ аз саҳми муҳимми ин ходими бузурги давлатӣ ва сиёсатмадори барҷаста дар таҳкими давлати Салҷуқиён таърихнависон борҳо дар осорашон зикр кардаанд. Ба шарофати сиёсати хирадмандонаи ин вазири ботадбир давлати таъсиснамудаи туркҳои Салчуқӣ дар сарзаминҳои Хуросон, Эрон ва Мовароуннаҳр, ки аз ҳокимони алоҳида иборат буда, ҳар доим ин сарзаминҳо дучори ғорату торочи онон мегардид, ба давлати мутамарказ ва қаламрави зери фармони онҳо ба як сарзамини воҳид мубаддал гашта, халқи муқимии он тоҷикон ва форсҳо муддате аз тохту тоз ва ғоратгариҳои туркҳои саҳронишин раҳоӣ ёфтанд.

Муаллифи рисола талош кардааст, то ин масоилро дар шакли маҷмӯӣ таҳлилу баррасӣ намуда, симои Низомулмулкро дар таърихи ватанӣ аз сояравшанҳо берун оварда, нақши ӯро на танҳо чун ходими маъруфи сиёсӣ, инчунин дар таърихи фарҳанги тоҷикон низ барҷаста баён намояд. Таҳлили ин ҳама масъалаҳо мубрам будани мавзӯи мавриди таҳқиқро муайян мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар ба даст овардани натиҷаҳо иборат аст аз: таҳқиқ ва мушаххас намудани ҷойгоҳи Низомулмулки Тӯсӣ чун ходими бузурги ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва фарҳангии асри XI мутобиқ ба усули таърихият; ҷамъоварии маводҳо аз сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ ва таҳлили муқоисавии онҳо; ба гардиши илмӣ ворид намудани маводи сарчашмаҳои таърихӣ; ба чоп расонидани мақолаҳо ва омода намудани маърӯзаҳо роҷеъ ба мавзӯи таҳқиқотӣ. Коркарди тамоми маводи сарчашмаҳои таърихӣ ва илмии ба даст омада ва тафсири онҳо дар рисола аз ҷониби муаллиф анҷом шудааст.

**Мақсади таҳқиқоти** диссертатсионӣ аз инъикоси нақши Низомулмулки Тӯсӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар аҳди ҳукумати Салчуқиён иборат мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф унвонҷӯ зиндагиномаи Низомулмулкро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода,

чеҳраи Низомулмулкро ҳамчун сиёсатмадор ва ходими бузурги фарҳангӣ тавсиф карда, нақши ӯро дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати Салҷуқиён нишон додааст. Илова бар ин унвонҷӯ асари «Сиёсатнома»-и Низомулмулкро мавриди таҳлил қарор дода, таърихи таъсиси мадрасаҳоро дар қаламрави Хуросони Бузург, саҳми Низомулмулкро дар таъсиси низомияҳо чун маркази тайёр намудани мутахассисони баландихтисос барои идораи сохторҳои гуногуни давлатӣ ва илмию фарҳангӣ, таъсири онҳоро дар ташкили марказҳои омӯзишӣ дар саросари давлати Салҷуқиён ва таъсиси марказҳои омӯзиширо дар тақлид ба низомияҳо дар саросари ҷаҳони ислом, инчунин нақши низомияҳоро дар таъсиси нахустин донишгоҳҳо дар Аврупо тавзеҳ ва баррасӣ кардааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар рисола бори аввал дар илми таърихи ватанӣ зиндагиномаи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ ба таври муфассал мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуда, чеҳраи Низомулмулки Тӯсӣ ҳамчун сиёсатмадор, олим ва ходими бузурги фарҳангӣ тавсиф шудааст. Илова бар ин, унвонҷӯ асари маъруфи Низомулмулки «Сиёсатнома» таҳлилу таҳқиқ намуда, таърихи таъсиси мадрасаҳоро дар қаламрави Хуросони Бузург тавзеҳ додааст ва ҷанбаҳои фаъолияти Низомияи Бағдод ва дигар низомияҳоро мушаххас гардонидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки назариёт ва хулосаҳое, ки дар давоми таҳқиқи мавзӯъ муаллифи рисола ба даст овардааст, асоси илмӣ барои омӯзиши ояндаи мавзӯи мавриди назар маҳсуб меёбанд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таълифи фаслҳо ва бобҳои алоҳидаи таърихи халқи тоҷик, дар рафти таълими фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар донишгоҳҳо, донишкадаҳо, коллеҷҳо, литсейҳо ва макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ, таҳияи маводи таълимӣ ва таълимию методӣ истифода намуд. Ҳамчунин натиҷаи таҳқиқотро метавон ҳангоми таълими давраҳои (курсҳои) назариявӣ мавриди истифода қарор дод.

Мазмуни асосии рисола дар чор мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ шомилбуда ба табъ расидаанд, таҷассум ёфтааст.

Рисолаи номзадии Садриддини Айниддин «Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салчуқиён» аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.02 – **Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)** тавсия карда мешавад.

**Вобаста ба масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:**

1.Рисолаи номзадии унвонҷӯ Садриддини Айниддин «Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салчуқиён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) тавсия дода шавад.

2.Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод карда шаванд:

**А) Давлатов Муллошо** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон.

**Б) Сайнаков Сайнак Парпишоевич** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**3.**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

**4.**Ба нашри автореферати диссертатсия ба микдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

**5.**Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих,

бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Абулҳаев Р.**

**Аъзои комиссияи ташхис:**

**доктори илмҳои таърих** **Додхудоева Л.Н.**

**доктори илмҳои таърих** **Раҳимов Н.Т.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г.**